# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Азиззода Рухсора дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

1. **Муҳимияти таҳқиқоти илмӣ.**

Дар шароити ташаккули ҷомеаи муосир омода намудани наврасону ҷавонон ба масъалаҳои муҳими хонаводагӣ дар муассисаи таълимӣ беш аз пеш мубрамият пайдо мекунад. Дар доираи педагогикаи халқи тоҷик масъалаҳ ои мухталифи тарбия гирд оварда шудаанд, ки муносибати нав ва муосиррро талаб менамоянд. Яке аз масъалаҳои муҳим, масъалаи тарбияи писарон дар доираи педагогикаи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад, ки нисбат ба ин масъала андешаҳои мухталиф мавҷудаст. Тарбияи писарон ва омода намудани онҳо ба муҳити оила ва оиладорӣ ба ҷумлаи масъалаҳои маҷмуӣ дохил мешаванд ва аз мавқеи педагогӣ дар шароити имрӯза хеле муҳим мебошад.

Тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки таҳқиқи он хусусияти илмӣ ва амалӣ дошта, дар баланд бардоштани сифати таҳсилот, таъмини рушди фарҳанги иҷтимоии ҷомеа ва ба ин васила таҳким бахшидани мавқеи соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, доираи педагогикаи муосир аз назарияи фарҳангӣ-таърихии рушди шахсият, ки барои ҳалли вазифаҳои муҳими ҳаётӣ ва ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир мусоидат менамояд, равона шудааст.

Маҳз дар чунин вазъи ҳалталаб ва мураккаб муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ду ниҳоди муҳими иҷтимоӣ ба шумор рафта, ҳамкории онҳо дар самти тарбияи хонанда ва самарабахш гардондани раванди таълим бо истифода усулҳои педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ ба масъалаи мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷомеа табдил ёфтааст.

Рисолаи илмии муҳаққиқ Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ” маҳз ба таҳқиқи масъалаи мазкур, таҳқику коркарди роҳу воситаҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ, фароҳам овардани шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва хонавода бахшида шудааст.

## 2. Дарачаи асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳо.

Дар диссертатсия ҳамчун ҳадаф таҳқиқу пешниҳоди консепсияи мукаммали (аз ҷиҳати назариявӣ) таҳиякардашуда, ки он ба коркарди асосҳои иҷтимоиву педагогии тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ дар ҷомеа ва такмили раванди тарбияи писарон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат менамояд, ба назар гирифта шудааст.

Навоварии илмии рисола оид ба масъалаҳои мухталифи тарбияи писарон ба ҳаёти оилавӣ ва омода намудани онҳо дар педагогикаи муосир ба таври маҷмуавӣ баррасӣ намуда, дар ин самт проблемаҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни педагогикаи халқӣ, мавқеъ ва ҷойгоҳи он дар тарбияи писарон ба таври мушаххас мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор дода шудаанд.

Натиҷаҳои назаррасе, ки моҳияти навгонии илмии диссертатсияро инъикос мекунанд, инҳоянд:

- омилҳои иҷтимоӣ-педагогии омодагии писарон ба ҳаѐти мустақилона ва иҷрои вазифаи падарӣ дар оила ба таври умумӣ таҳқиқ шудааст
- истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарон ба таври маҷмуавӣ омӯхта шуда, нақши онҳо дар ин раванд бо таҳлилҳои мушаххас ошкор карда шудааст
- ҳамкориҳои оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар тарбияи писарҳо баҳогузорӣ карда шуда, зарурати чунин ҳамкорӣ дар самаранок гардидани раванди тарбияи писарон ошкор ва пешниҳод гардидааст.

Арзиши назарӣ ва амалии рисола дар он ба назар мерасад, ки муаллиф масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро ҳамчун заминаи асосии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ таҳқиқ намуда, истифодаи онро мавриди ташхиси сатҳи салоҳияти омӯзгорону волидон ва дар ҷараёни таҳия ва истифода намудани барномаи самарабахшии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода муфид меҳисобад.

Боиси зикр аст, ки дар рисола зимни баррасии масъалаи омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ маводи зиёди назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нақш ва мақоми муассисаҳои таълимӣ ва оила дар самарабахшии ташаккули ҷаҳонбинию ичимоишавии хонандагон арзёбӣ гардидааст.

Аз ҷумла, зимни омӯзиш ва таҳлили рисолаи илмӣ Азиззода Р.Н. муайян карда шуд, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ

гузошта аз ҷиҳати илмӣ ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳлил намуда, дар асоси маводи мазкур шароитҳои педагогии самарабахшии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро дар омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ муайян ва мавриди татбиқ қарор додааст.

Муаллиф муҳимияти ташаккули тафаккури интиқодӣ, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагонро дар шароити ҳозира ба сифати масъалаи педагогӣ гузошта, дуруст қайд кардааст, ки ҷомеаи муосир дар назди волидон вазифаи тарбия намудани фарзандонро мегузорад, ки тавонанд, мустақилона ба шароити тағйирёбандаи ҳаётӣ мутобиқ гарданд, донишҳои заруриро аз худ намоянд ва онро дар амалия истифода намоянд. Аз ин лиҳоз, ҳамкории муассисаҳои таълимиву хонавода ҷиҳати таҳқиқи раванди омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ дар муассисаи таълимӣ ва берун аз он яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, мубрамияти мавзуи таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

**3. Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи комилии диссертатсия**

Диссертатсия аз мукаддима, ду боб. хулосаву пешниходот ва руйхати адабиёш истифодашуда нборат мебошад. Матни асосии диссертатсия дар 187 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 7 ҷадвал ва 10 расму диаграммаро дар бар гирифта, руйхати адабиёт фарогири 185 номгуй аст.

Дар муқаддима аҳамият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқот, максад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ - методологии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия баён гардидааст.

**Боби аввали рисола** «Асосҳои илмӣ-амалӣ ва педагогӣ-психологии тарбияи писарҳо дар ҷомеаи муосир» номгузори гардидани он аз се фасл иборат аст.

**Фасли якуми боби якум** ба «Масъалаҳои тарбия ва ба ҳаёти оилавӣ, зиндагӣ омода намудани писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик» бахшида шудааст. Дар фасли мазкур вобаста ба раванди иҷтимоигардӣ, яъне азхуднамоии маҳорату малакаҳои зиндагӣ дар ҷомеа ва қабули муқаррарот, ки бо иҷрои накшҳои иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд, сухан рафтааст. Тарбияи писарон ташаккули сифатҳои масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳувват ва эътимод ба худро дар бар мегирад, ки аксар вакт бо накши анъанавии мардон дар оила алоқаманданд. Дар хотир доштан муҳим аст, ки педагогикаи гендерӣ кӯшиш мекунад, ки қолабқои гендериро бартараф созад ва ба ҳар як фард новобаста аз ҷинс имкониятҳои ҳадди аққалро барои худшиносӣ фароҳам оварад.

Муаллиф дар фасли нахустини диссертатсия таҳқиқотҳои олимони кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст. Ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ, ба монанди миқдори зиёди таҳқиқоти олимон андешаҳое, ки ба ташаккули арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии насли наврас алоқаманд мебошанд, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд. Ин масъала дар таҳқиқоти М. Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Б. Маҷидова, И.Х.Каримова, Ф.Гулмадов, З.Р.Орифова, Х.Авзалов, М.В. Богуславский, Н.Е. Шуркова, Қ.С. Абдураҳимзода, Н.Д. Никандров, Л.И. Маленкова ва дигарон коркард шудааст. Дар ин таҳқиқотҳо зарурати ба инобат гирифтани хусусиятҳои миллӣ дар интихоби самтгириҳои арзишии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар тарбияи хонандагон нишон дода шудааст.

Дар таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи фарзанд”-ро муҳим арзёбӣ намуда, дар он зикр гардидани вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд, баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзандро хеле муҳим мешуморад.

**Фасли дуюми боби якум** «Консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик» унвон гирифта, масъалаҳои мухталифи тарбия, аз он ҷумла масъалаи тарбияи писарон дар педагогикаи халқӣ таҷассум гардида, нисбат ба масъалаи мазкур андешаҳои ҷолиби диққат пешниҳод гардидаанд. Педагогикаи халқӣ аз замони пайдоиши худ дар шаклҳои гуногун инкишоф ёфта, аз насл ба насл гузаштааст ва андешаҳои беназирро дар бораи зиндагӣ, оила, фарзанд, тарбия ва таълим таҷассум намудааст. Афкори педагогии халқ дар эҷодиёти шифоҳӣ, мероси адабии педагогии мутафаккирони тоҷику форс, одату анъанаҳои оилавии миллӣ ифода гардида, онҳо дар навбати худ, маданияти педагогии умумибашариро таҷассум менамоянд.

**Фасли сеюми боби якум** «Омилҳои иҷтимоӣ-педагогии омодагии писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ» номгузорӣ карда шудааст ва дар он анъанаҳои этнопедагогӣ ва этнопсихологӣ, ки ба ҳар як миллат хос аст, дар навбати худ дар ҳалли проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, таъкид гардидааст. Таърихи тарзи зиндагонии ҳар як халқ аз дараҷаи баланди иттиҳоди оила, аз инкишофи ҳаматарафаи он шаҳодат медиҳад. Анъанаҳои миллии тоҷикон дар тарбияи ғояи миллии соҳибистиқлолияти кишвар, бунёди давлати оянда, инчунин дар интихоби самти дуруст дар тарбияи маънавӣ, аз ҷумла ба ҳаёти оилавӣ омода намудани писарон, аҳамияти бузург доранд.

Ба андешаи муаллиф дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, тарзи

анъанавии падарӣ ҳукмрон аст, ки он бо ҳокимияти мутлақи падар асос ёфтааст. Дар чунин оилаҳо тамоми қарорҳо ва хулосабарориҳо аз мард-падар вобаста аст, ки тибқи анъанаҳои миллӣ, ба нақши бузург ва мутлақ доштани падар дар оила асос ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар чунин оилаҳо тарбия хуб ба роҳ монда шудааст, ки асоси онро эҳтиром ё ин ки тарси аъзоёни оила аз сарвари оила ташкил медиҳад. Илова бар ин, дар Тоҷикистон тарҳи падари масъул мушоҳида карда мешавад, ки ба фикри муаллиф, ӯ фаъолона дар тарбияи фарзандон ширкат варзида, масъулияти худро дар ҳама ҳолат ба дӯш мегирад.

**Боби дуюми** диссертатсия ба масъалаҳои «Технологияи омода намудани писарҳо ба ҳаёти оилавӣ ва иҷрои вазифаи падарӣ» бахшида шудааст ва се фаслро дарбар мегирад.

**Фасли якуми боби дуюм** «Заминаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогии шаклдиҳии омодагии ҷавонон ба нақши падарӣ» номгузорӣ шудааст. Дар он ҷанбаҳои психологӣ-педагогии падариро таҳқиқ намуда, қайд кардан зарур аст, ки хусусияти фаъолияти тарбиявии падар ва муносибат ба он аз сохтори ҷомеа ва талабот ба тарбиятгиранда вобаста аст. Нақши падар ҳамчун тарбияткунанда ва рафтори ӯ дар якҷоягӣ бо меъёрҳо ва падидаҳои ҷамъиятӣ тағйир меёбанд.

Диссертант кайд менамояд, ки яке сабабҳои ноустувории оилаҳои ҷавон метавонанд маълумоти нокифояи педагогӣ ва зеҳнӣ, вобастагии моддии онҳо аз волидон, инчунин мушкилоти иқтисодӣ, набудани манзил, камбизоатӣ сатҳи пасти маънавиёт шуда метавонанд. Дар раванди таълими байнифаннӣ роҷеъ ба масъалаи омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ байни фанҳои адабиёт, маърифати оиладорӣ алоқаи байнифаннии таълим диққати ҷиддӣ додан талаб карда мешавад. Дуруст қайд карда мешавад,ки самтҳои асосии тайёр намудани писарон ба вазифаҳои падарӣ диққати махсусро талаб менамояд. Чунин мешуморем, ки саравал мафҳуми «падарӣ» ва «вазифаҳои падарӣ» аз нуқтаи назари илмӣ мавриди тавзеҳи махсус қарор дода шавад.

**Фасли дуюми боби дуюм** «Истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарҳо ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ» номгузорӣ шуда аст. Арзиш чун анъана ҳама он ҷабҳаҳоеро дар бар мегирад, ки барои инсон аҳамияти хоса доранд, дар ҳолати интихобнамоии онҳо афзалтар дониста мешаванд, ҳамеша аз ҷиҳати эҳсосӣ аз сар гузаронида мешаванд ва бо хоҳиш ормонҳои ғоявӣ алоқаманд мебошанд. Моҳияти методологии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ бо ташаккули муносибатҳои арзишии инсон ба ҷаҳон алоқаманд мебошад.

Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бо истифода аз барномаи оид ба муайян намудани муносибати хонандагон ба арзишҳои оилавӣ, тасаввурот ва

донишҳо оид ба муносибатҳои оилавӣ, истифодаи арзишҳои миллӣ дар тарбияи писарон, омода намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ дар муассисаҳои тахсилоти умумӣ гузаронида шудаанд.

**Фасли сеюми боби дуюм** «Ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи писарҳо ва иҷрои вазифаи падарӣ» унвон дорад. Таҳлили самтҳои психологиву педагогӣ ва тағйироту дигаргуниҳо дар ҷомеа, вазъи соҳаи тарбияи шахсият имконият медиҳад, ки мавҷудияти талаботи нави ҷомеа ба тарбияи ҳамаҷонибаи рушди шахсият дар оила тариқи қувват бахшидани нақши тарбиявии падар ҷудо карда шавад.

Натиҷаҳои ба даст омада дар ҷадвалу диаграммаҳо оид ба оила арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ оилавӣ дар иҷрои вазифаи падарӣ ифода гардидаанд, тақозо менамояд, ки корҳои таъмину тарбиявӣ дар он самт дар оила беҳтар карда шаванд, самтҳои донишҳои фарҳангӣ, психологӣ, педагогии волидон дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна, истифодаи ахбори умум, ташкилу баргузории чорабиниҳои махсус бо иштироки омӯзгорони соҳибтаҷриба, муҳаққиқони соҳаи илми педагогика, психология, волидони бофарҳангу муваффақ дар таълиму тарбияи фарзандон, кормандони кумитаҳои маҳал ва ғайра бой ва такмилу таъғир дода шавад.

Ба андешаи муаллиф яке аз роҳҳои баланд бардоштани қобилият ва тасаввуроти писарон оид ба оила ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ пурзӯр намудани ҳамкории байни муассисаи таҳсилоти миёна бо волидайн ба ҳисоб меравад.

Яке аз ҷанбаи ҷолиби диққат дар он аст, ки самтгирии арзишӣ ин самтгирии мавқеи шахсиятии писарҳо дар хонавода чун бунёдгари ояндаи оила ва тарбиятгари фарзандон дар хонаводаю ҷомеа буда зуҳуроту амалигардонии он минбаъд чун меъёри арзишҳои ҳар як писар, мард, падару сарвари моддию маънавии пайвандону наздикон қабул карда мешавад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводҳои онро метавон ҳамчун васоити методӣ барои тарбияи писарон ва инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгорӣ ба сифати маводи иловагӣ дар омӯзиши фанҳои блоки психологӣ-педагогӣ истифода намуд. Ҳамчунин, дар рисола тавсияҳои методӣ оид ба тарбияи писарон ва маводҳои ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилиҳои мавҷудаи тарбияи писарон коркард шудаанд, ки дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва низоми таҳсилоти иловагӣ истифода гардиданашон ба манфиати кор мебуд.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор

додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия, ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин намудаанд.

**4.Новобаста аз он ки диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои зиёди бартариҳоро дорад, норасоиҳои зерин низ дида мешаванд:**

1. Мувофики мақсад мебуд, агар унвонҷӯ дар қисмати мубрамияти рисола бо асосноккунии илмӣ – назариявӣ интихоби пойгоҳҳои таҳқиқотии мавзуи мазкур, ки танҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлонро дар бар мегиранд, инчунин оилаҳои ин минтақаро низ фаро бигиранд.
2. Дар зербоби 2.2. зери унвони «Истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарҳо ва омода намудани онҳо ба накши падарӣ «Барномаи ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ бо хонандагони МТМУ №12 н.Кушониён, №8 н.Вахш ва №-6,39-и ш.Бохтар» оварда шудааст, вале бо мисолҳои мушаххас нишон дода нашудааст, ки дар амалия чӣ гуна татбиқ карда мешавад.
3. Натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам самараноктар мешуд, агар муаллиф бархе аз паҳлӯҳои масъалаи таҳқиқшавандаро бо фанни таълимии "Маърифати оиладорӣ" алоқаманд намуда, аз натиҷаи бадастомада маълумоту тавсияҳо пешниҳод менамуданд.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ҳолатҳои риоя нашудани муқарраротиی “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” ба назар мерасад, ки ислоҳ мехоҳанд.
5. Дар рӯйхати адабиёт баъзе нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд, ки ислоҳталабанд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси рисолаи илмии Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ” дар доираи мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ” кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳкиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат, дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Азиззода Рухсора Назир сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва
гуманитарии Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов

Латифзода Диловар Назришоҳ

«18» сентябри соли 2024

**Маълумот барои тамос:**
Нишони: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Ҳусейзода 155. Тел.: 907-07-02-44. E-mail: dilovarl @mail.ru

Имзои Д.Н. Латифзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов Тошов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО